**БАРОИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ, СУЛҲУ ОРОМӢ, СУБОТИ СИЁСӢ, СОЗАНДАГИВУ ОБОДОНӢ, РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДӢ ВА ЗИНДАГИИ ШОИСТАИ МАРДУМ!**

# ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

№ 14 (314),
25 июли соли 2018

E-mail: hamrozi-khalq@mail.ru ● www.hhdtkhatlon.tj

НАШРИЯИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

# ДАВЛАТДОРИИ ТОҶИКИСТОН НАМУНАЕСТ БАРОИ КИШВАРҲОИ ШАРҚИ МУСАЛМОНӢ



***Дар 20 соли ахир дар партави сиёсати созандаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон наздик ба як миллион оилаҳои ҷавон соҳиби хонаҳои истиқоматӣ шуданд, Оилае нест, ки телевизори ранга, мошини ҷомашӯӣ надошта бошад. Ҳар сол даҳҳо мактабҳо ва кӯдакистонҳо ба истифода дода мешаванд. Шоҳроҳҳо ва нерӯгоҳҳои барқӣ, ба вижа Нерӯгоҳи барқи обии Роғун кишварро пурра бо барқи худӣ таъмин мекунад. 3 - 4 моҳ пас чархи нахустини НОБ и Роғун ба давр хӯрдан оғоз хоҳад кард ва барқ ба кишварҳои мусалмонии ҳамсоя дода мешавад. Он рӯз наздик аст, ки оби зулоли Тоҷикистон дар ивази нафт ба кишварҳои арабӣ нақл гардад.***



ИҚТИСОДИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН РУШД КАРДА, ҶОЙҲОИ НАВИ КОРӢ ТАЪСИС ДОДА ШУДАНД 8



МО МЕЪРОСИ АҶДОДИАМОНРО ҲИФЗ МЕКУНЕМ 4



АКСИЯИ “ЯКҶОЯ ҲАЛ МЕКУНЕМ!” ДАР АМАЛ 5



ОБҲОИ ТАБОБАТИИ ТОҶИКИСТОН ОМИЛИ РУШДИ САЁҲӢ 7



ВОХӮРИИ СУДМАНД БО РАИСОНИ ТАШКИЛОТИ ИБТИДОӢ ВА ВАКИЛОНИ ҲИЗБӢ 8

# КӮШИШИ НОМУВАФФАҚИ НАҲЗАТИЁН ДАР ГЕРМАНИЯ

## Ё чи тавр наҳзатиёни хоин аз заволи худ дарак доданд?!



**Абдулло РАҲМОНЗОДА, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон**

Тибқи иттилои шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои интернетии мутааллиқ ба гурӯҳҳои террористию экстремистии наҳзатӣ,15 июл дар шаҳри Дортмунди Германия ба ном ҳамоише бо ташаббуси ТЭТ ҲНИ доир карда шуд, ки пур аз хиҷолат буд ва аз заволи онҳо дарак медод.

Аввалан санаи баргузории ин ҷаласа, ки гӯё ба муносибати 21 –умин солгарди имзои созишномаи сулҳ доир карда шуд, бисёр тааҷҷубовар буд. Зеро наҳзатиёни хоин, ки ҳамеша иддао доштанд ҷонибе аз сулҳ ҳастанд, инак дигар баъди ошкор шудани макру ҳиллаашон, бахусус баъди он, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Конибодом зимни таҷлили ҷашни Ваҳдати миллӣ парда аз рӯи ин асрор бардошта, возеҳу равшан ба мардум баён карданд, ки созишнома бо ИНОТ буд, на бо ҲНИ, дигар аҳли наҳзат ба холи табоҳе гирифтор гардидаанд. Ҳатто маблағгузорону муҳайёкунандагони шароит барои ҷаласаҳояшон аз онҳо рӯ тофтанд. Танҳо баъди сипарӣ гардидани қариб як моҳ аз рӯзи таҷлили ин ҷашн каме ба худ омада, кӯшиданд боз ҳам бо баргузории ҳамоише ин «дастовард»- и худро ҳимоя кунанд. Аммо нашуд.

Чаро наҳзатиён ин ҳамоишро, тавре қаблан мекарданд, рӯзи ҷашни Ваҳдати миллӣ нею, балки бо ин ҳама таъхир доир карданд? Барои он, ки худашон эътироф карданд, ки воқеан онҳо на ҷонибии сулҳ, балки ҷузъе аз ИНОТ будаанд, ки аз миёни он ҳама ҳизбу ҳаракатҳои узви ИНОТ маҳз онҳо ба арзишҳои сулҳ хиёнат карданд! Ин масъаларо ҳатто хоҷагону пуштибонҳои хориҷиашон ҳам инкор карда натавонистанд. Зеро ин ибрози Пешвои миллат ҳам аз лиҳози ҳуқуқӣ ва ҳам аз лиҳози сиёсӣ дуруст, бомантиқ ва бидуни баҳс аст.

Дуввум, наҳзатиён бо баргузории ин ҷаласа хостанд исбот кунанд, ки воқеан ҷонибе аз сулҳ ҳастанд, аммо боз ҳам натавонистанд. Дар тамоми раванди ҷаласа, сар карда аз худи Кабирӣ то дигар баромадкунандагон суханони аз лиҳози сиёсӣ бемағз, аз лиҳози воқеият бепоя ва аз лиҳози ахлоқӣ дуруғ гуфтанд. Ба қавли Мирзо Абдулқодири Бедил, «пистаи бемағз агар лаб во кунад, расво шавад».

Сайидюнуси Истаравшанӣ, ки миёнарав байни ҲНИ ва шиаохундҳои Эрон шинохта мешавад, ноилоҷ ба дилбардориашон оғоз кард ва хост рӯҳияи онҳоро боло бардорад, аммо саропои суханаш аз ҳолати рӯҳшикастагии худашу наҳзатиён ва хоҷагонашон гувоҳӣ медод, ки тафсилоташ дар поён омадааст.

Сеюм, тамоми кӯшиши наҳзатиён ҷиҳати таъсиси ИНОТ-и нав билохира ноком анҷом ёфт. Касе дар ин хусус изҳори омодагӣ накард ва чизе нагуфт. Ҳатто касоне, ки даъват кардандy ташвиқ мешуданд, дар шабакаҳои иҷтимоӣ дидем, ки гуфтанд, бо ҲНИ вориди ягон ИНОТ шуданӣ нестанд.

Чорум, Кабирӣ хост ин ҳама нокомии худро зери тӯҳмате, ки гӯё намояндаи мақомоти амниятии Тоҷикистон ин ҳама роҳ онҳоро мепоиду онҳо ин сирро бо усуле, ки ба фикри Кабирӣ бисёр маккорона менамуд, фош сохтанд, бенатиҷа ва бисёр аҳмақона баромад. Барои чӣ? Барои он ки ин бофтаю сохта ва ғайриреалӣ буд! Наход Кабирӣ дар Аврупо дар шакле гаштугузор мекунад ва ё аз макони зисташ ба макони баргузории ҷаласа рафтааст, ки (масалан дар шакли пиёда, харсавор, велосипедсавор ва ё дар шакли дигар) намояндаи мақомоти амнияти кишварро зарур ояд тӯли роҳ ӯро поида гардад? Дар ин миён гӯё Кабирӣ инро пайхас кардааасту ба касе гуфтааст, ки рафта бо забони тоҷикӣ пурс. Ин чӣ маъно дорад? Баъдан, магар каси мепоидагӣ, хосса агар корманди мақомоти амният бошад, баъди ин ҳама ҳангомасозиҳое, ки охираш пуч баромад, намедонад, ки охири роҳе, ки Кабирӣ имрӯз меравад, ин макони баргузории ҷаласа ҳаст ва пеш аз Кабирӣ дар он ҷо ҳозир шавад. Бе ягон зарурати поидан!!!

Панҷум, ин ки ҳамагӣ бидуни далел, рӯирост ва бе шарму ҳаё дуруғ гуфтанду ба қавле алам аз миллат гирифтанд, ки чаро ба онҳо бовар надоранд. Ва билохира сабабашро ёфтанд, ин ҳам бошад, ба қавли Кабирӣ, касест, ки онҳо бо ӯ мушкил доранд. Хостанд, ақаллан худашон ва ҳамнишинонашонро бовар кунонанд, ки ҳамин як кас агар набошад, миллат бо онҳост. Аммо ниҳоятан худашон ҳам ба ин гуфтаашон бовар накарданд. Зеро, дарвокеъ мушкили онҳо як нафар нест. Мушкили онҳо бо истиқлолияти ин кишвар аст, бо мардуми кишвар аст, ки онҳоро намехоҳанд ва хиёнати онҳоро намебахшанд.

**НАҲЗАТИЁН БА ҶОЙИ ИН ҲАМА ДАЪВО МЕБОИСТ АЗ МИЛЛАТИ ТОҶИК БАРОИ ХУНИ РЕХТАВУ ХИЁНАТҲОИ АНҶОМДОДААШОН УЗР МЕПУРСИДАНД!**

Дар шабакаҳои иҷтимоӣ матни суханронии Кабирӣ нашр шуд, ки саропо тӯҳмат, дурӯғ, фиреб ва инкори гапҳои худашон буд, ки шармандагие (барои худи онҳо) беш нест. Тавре Саъдии Шерозӣ фармудааст, «даъвӣ хиҷолат бувад бегувоҳ». Кабири гувоҳ ва далели боваринок надошт. Дар оғози суханрониаш кӯшиш кард, ки давлату ҳукуматро бо «хиёнат ба сулҳ» айбдор кунад. Магар ҳамин хел аст? Албатта, ки не! Зеро агар касе ҳам ба арзишҳои сулҳ хиёнат кард, ин ҲНИ аст, ки ҷузъе аз ИНОТ буд. Дар ин иттиҳод касону гурӯҳҳои дигаре низ буданд, ки дар кишвар дар баробари дигарон, ҳатто дар мансабҳои баланди давлатӣ то ҳол фаъолият намуда истодаанд ва ба аҳди худ содиқат доранд. Аммо Кабирӣ ва наҳзатиён буданд, ки ба ин арзиши миллӣ хиёнат карданд. Ҳатто ҳукумати конститутсионӣ онҳоро бахшиду ин миллати азияткашида барояшон бағал кушод, вале онҳо (наҳзатиҳои ношуд) боре барои хуни рехтаашон, ки зиёда аз 150 000 нафар инсонро дар бар мегирифт (агар ин кор аз ҷониби ягон кишвари дигар мешуд, шояд генотсиди рӯирост, яъне ҷинояти байналмилалӣ маҳсуб меёфт), якуним миллионро гуреза карданашон, даҳҳо ҳазорро ятим кардану даҳҳо ҳазори дигарро бевау даҳҳо ҳазори дигарро ба ғами фарзанд дучор карданашон назди миллат узр напурсиданд. Зеро барои ин корро кардан нангу номус ва ғурури миллӣ лозим аст. Аммо инро наҳзатиён надоштанду надоранд. Бар хилофи иродаи мардум, аз хоставу бахшидаи мардум боз зиёдтар хостанд. Қасди бо роҳи зӯрию силоҳ кашида гирифтани ҳокимияти халқро доштанд. Аммо шукр, ки ба ҳадафи нопокашон нарасиданд.

**ХИЁНАТРО ЯК НАФАР КАРДААСТ ВА ОН ҲАМ КАБИРИСТ!**

Кабирӣ иддао дорад, ки ҳукумат бархе аз пайравони ҲНИ- ро ташвиқот карда истодааст, ки ба Ватан баргарданд ва онҳо гуноҳе надоранд. Иддао дорад, ки агар инҳо гуноҳ надоранд, пас дигар аъзои ин гурӯҳ, ки дар зиндон ҳастанд, низ бегуноҳанд ва бояд раҳояшон кунанд. Ин гуфтаи Кабирӣ тамоми гуфтаҳои қаблиашро инкор мекунад ва исбот мекунад, ки Кабирӣ ба хиёнату ҷиноятҳояш иқрор аст. Аммо боз ҳам намедонад, ки аз ин амали мақомот хушҳолӣ кунад ё ғамгин шавад, ки танҳо дар як моҳи охир зиёда аз сад нафар аъзои ин ҳизб аз карда пушаймон шуда, ба Ватан баргаштанд ва бахшида шуданд. Албатта, ҷавобашро худаш медонад!

Хиёнатро ба сулҳ як нафар кардааст, яъне Кабирӣ ва дигаронро ба ин хиёнат маҳз ӯ водор кардааст. Аммо дигар чӣ илоҷ, ки ҷинояти нобахшиданиро бо дастури ин хоин онҳо содир кардаанду бояд ҷазо бинанд.

Акнун, ки мақомот мегӯяд ва даъват мекунад, ки Эшони Абдусаттору Абдураҳим (тавре Кабирии хоин гуфтааст) баргарданд, ҳӣ ҷойи инкору онҳоро гунаҳкор кардан? Хиёнатро ба арзишҳои сулҳ Кабирӣ кард ва дигаронро ба ин дом гирифтор сохт. Инро на фақат мақомот, балки тамоми миллат медонад. Бигзор аз роҳи хато баргарданд ва дар Ватан бошанд!

**АЗ СУЛҲ НИШОНЕ НАМОНДААСТ???**

Муҳаммадиқболи Садриддин ном наҳзатӣ, ки худро ҳамчун мудири сомонаи «Ислоҳ» муаррифӣ намудааст, баромад карда, кӯшидааст бо ҳарфҳои подарҳавою бемантиқ сулҳи тоҷиконро зери суол барад. Ӯ иддао дорад, ки сулҳ дар Тоҷикистон то соли 2015 вуҷуд дошту инак аз сулҳ осоре намондааст. Ман намефаҳмам ин Муҳаммадиқбол аслан дар хусуси кадом кишвар сухан мекунад? Дар бораи Афғонистон, ки дар он маҳз бо касофати аҳзоби сиёсии дорои хусусияти исломӣ қариб чиҳил сол мешавад, ки ҷанг аст ва ё Сурияву Ироқу Либия, ки бо «шарофат»-и хоҷагону ҳампешагони ҲНИ ба харобазор табдил ёфтааст ва ё ҷои дигар???

Наход беҳаёӣ то ин дараҷа баланд бошад, ки рӯирост сафедро сиёҳ гӯйӣ. Наход дар Тоҷикистон сулҳ зери суол рафта бошад, дар кишваре, ки ҳамасола дар рейтинги ҷаҳонии кишварҳои амн дар мақоми ифтихорӣ қарор дорад ҳамон кишварҳои аврупоӣ сокинони худро барои сайру саёҳат ба ин ҷо талқин мекунанд!?

Ба фикрам ин наҳзатӣ аз ақл бегона шудааст ва ё як ифротии ба беморӣ рӯҳӣ гирифторшудае беш нест! Аслан инро аз баромадҳои видеоияш эҳсос карда будам, ки бо он авзои беҷое, ки дошт, ё бемории рӯҳӣ дорад ё нашъаманд аст. Инак ҳоло фикрам исботи худро ёфт.

Ин хоин бояд донад, ки дар Тоҷикистон имрӯз дигар масъалаи сулҳу ҷанг нест! Ҳама бо ҳам аз як гиребон сар бароварда, дар андешаи пешрафту шукуфоии Ватан ҳастанд. Ин наҳзатиҳои хоин ҳастанд, ки ҳамаро аз набудани сулҳ мехоҳанд тарсонанду ба сафи хиёнаткорон ҷалб намоянд!

**МАГАР АЗ БИҲИШТ ФИРОР МЕКУНАНД???**

Матни суханронии Илҳом Ёқубов низ пур аз маънидодсозии ба ақли пучаш мувофиқ ба назар мерасид. Аввалан, ӯ худро роҳбари Ассотсиатсияи муҳоҷирони Осиёи марказӣ (?) муаррифӣ карда, гуфтааст, ки кишвар мушкилоти муҳоҷиринро дорад, ки ба як мушкилоти фаромиллӣ табдил ёфтааст. Ба қавли ӯ ин раванд танҳо хоси тоҷикон аст. Аммо агар мушкилоти муҳоҷират танҳо хоси Тоҷикистон бошад, пас чаро ӯ роҳбари ассотсиатсияи муҳоҷирони меҳнатии Осиёи марказист??? Магар ӯ роҳбари кадом бахши ҲНИ набуд? Ин гурӯҳбозиву ассотсиатсиябозиҳо чӣ маънӣ доранд?! Магар дигар ҲНИ

*(Давомаш дар саҳ.3)*



# ДАВЛАТДОРИИ ТОҶИКИСТОН НАМУНАЕСТ БАРОИ КИШВАРҲОИ ШАРҚИ МУСАЛМОНӢ

## *Номаи эътирозӣ ба тоҷиксиезоне, ки дар пардаи ислом дасти нопок ба бадномии кишвари ориёии шукуфон - Тоҷикистони яктову беҳамто бурданианд*

Тоифае аз дингароёни ифротӣ инак садсолаҳо нула мекашанд, ё ба истилоҳи ирониён зуза мекашанд, ки «Вой, ислом! Вой, ислом хор шуд! Вой, исломро фулониҳо хароб кардаанд…» Ҷамъияте худро мусалмони пок мепиндорад, зеро суннӣ аст, ҷамъияти дигар аз шиъӣ будани хеш болида, дигаронро мушрикони дин эълом медорад ва аз миёни равияҳои дигар он қадар раҳгумони боварҳои динӣ ба чашм меҳӯранд, ки хешро масъули мусалмонсозии мардумони саросари ҷаҳон пиндошта, дил пур аз кина рисолати Худованди бахшояндаи меҳрубонро ба дасти худ гирифта, бандагони он яктои беҳамторо «мушрик» ва «кофир» мехонанд. Бо ин кирдори хеш пай намебаранд, ки худро ба гуноҳи бузурге гирифтор кардаанд, ки кайфари онро дар ҷаҳони фонӣ хоҳанд дид.

Аз навиштаи чунин як фейсбукӣ ҳувайдост, ки шахси гаштаю баргашта ифодагари вожаи «Исломситезон», худ аҷири мамлакате мебошад, ки дар зери шиори ислом, (ҳамон ислом хор шуд), ҳадафи хароб кардани кишвари орому ободро дорад. Бо коштани нифоқ, ҳамдигарситезӣ даст ба манҳустарин иқдом, яъне ватанфурӯшӣ бурдааст. Ба чашми чунин ватанфурӯшон пешравиҳои кишвари тоҷикон, осудагии мардумонаш, лаби пурхандаи душизагонаш бо либосҳои миллӣ, озод будан дар интихоби ақида чун хор мехалад. Онҳо мехоҳанд дар давлате, ки бо иттифоқи оро мардумонаш, тарзи дунявӣ ва даҳрии зиндагиро пазируфтаанд, кишвари сияҳпӯшону аммомабасаронро бунёд намоянд, Дар сари роҳ занонро сангсор кунанд, дар майдон душизаеро бо туҳмат сар бибурранд. Кишварро ба ҷаҳолати асримиёнагӣ вопас бикашанд. Огаҳон медонанд, ки аксарияти равшанандешони кишварҳои ҳамсоя дар муҳоҷират умр ба сар мебаранд. Беҳтарин андешамандону фарҳангиён дар кишварҳои озод ба офаридани асарҳои адабиву бадеӣ машғуланд. Мо дар ин ҷо порчаеро аз шеъри яке аз ҳамзабонони афғонистониро меоварем, ки бо дарду озурдахотирӣ ва ҳамзамон танзу истеҳзо сохти давлатдориашонро зери интиқод қарор додааст:

***Мамлакат дар дасти муште***
***хойину ғоратгар аст,***
***Баски ин миллат хар аст.***
***Ҳоли равшанфикри бечора зи бад***
***ҳам бадтар аст,***
***Баски ин миллат хар аст.***
***Мамлакат афсӯс баргашта ба***
***садҳо сол пеш,***
***Ҳарфи аммомасту риш.***
***3-он ки ҳар сӯ шайхаке бар***
***минбаре дар ар-ар аст***
***Баски ин миллат хар аст.***



Иддае аз шикастхӯрдагони хиёнаткор, ки дар зери парчами ислом мардумонро ба раҳгумиҳо тела дода, дар қиболи хуни ҳамдиёрони бегуноҳ қасди бар маснади ҳукуматронӣ нишастан доштанд, акнун дар кишварҳои Аврупо ва Ховари Миёна камин гирифта, аз роҳи навиштаҳои бемояву бепояи худ аз дур ба қалъаи устувори давлатдории мо санг мепартоянд. Аммо аз ин ки дасташонро нерӯҳои амниятӣ кутоҳ кардааст ва гаҳ - гаҳе садояшон аз минбарҳои ҳангомасозони Ғарбу Шарқ ба сони бушкаи холии партобшуда мебарояд, гумон мекунанд бо интиқоди сарварони нерӯҳои амниятии кишвар дар миёни ҳукумат ва содиқтарину муҳимтарин ниҳоди пойдории давлат - Кумитаи амниятии миллӣ, сӯрохие эҷод намоянд. Вале ин хоби аблаҳонаашонро мебояд ба об гӯянд. Аммо бовар дорам оби пок он хоби нопокашонро қабул надорад.

Таънаҳои омиёна ва ҳатто монанд ба пархоши занони кӯчагии онҳо хандадор ва арзиши нигариши як шахси бохирадро надорад. Онҳо агар ба худ савол медоданд, ки кадом нерӯҳо буданд, ки ноаёнтарин омодагириҳои ифротгароиву террористиашонро кашф намуда, зери нигари ҳушёронаи худ гирифта буданд ва бо даст бурдан ба силоҳ, дар яки он саркӯб гаштанд. Мо ба онҳо савол медиҳем: Чӣ? Мехостед, ки шумо вайронгарони сохти давлатдории дунявиву даҳрӣ, қатлиом кунандагони лояи андешамандону фарҳангиён ва дигарандешону ҳунармандонро бологузар карда, ба ҳарзаофариниҳоятон сари тасдиқ бинҷунбонанд?!

Чуноне дида мешавад, Саймумин Ятимов як шахсияти дар деҳаи Тоҷикистон ба воя расида, бо заҳматҳои шабонарӯзӣ се - чор забонҳои хориҷиро чун забони модарӣ азбар карда, дар хориҷ аз кишвар рисолаи докториро дифоъ намуда, дорои доираи густурдаи ҷаҳонбинӣ ва мутолиаи бениҳоят жарф, ҳушмандиву тезбинӣ ва ғаризаи аналитикӣ, ба шумо маъқул нест. Генералитети дар донишкадаҳои олии кишварҳои Аврупо таҳсилкарда ва бо дили саршор аз меҳри Меҳан ва садоқати бепоён ба миллат ва Пешвоиояндабину донои он, ба шумо хуш намеояд. Ҷавонмардони рустампайкари мерган, бо қоматҳои баланду бозувоне чун бозувони Ораши камонкаш, бо чеҳраҳои матин, бо азми росихи ҷони худро барои амнияти миллаташ бахшанда, шуморо хуш намеояд.

Ба чунин хоинон гуфтанием, ки биравед кӯчаву хиёбонҳои Кобул, Теҳрон, Карочи, мамолики Арабро сайр кунед ва ба хиёбонҳои гулафшону сафову оростаи Душанбе муқоиса кунед. Дар 20 соли ахир дар партави сиёсати созандаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон наздик ба як миллион оилаҳои ҷавон соҳиби хонаҳои истиқоматӣ шуданд, Оилае нест, ки телевизори ранга, мошини ҷомашӯӣ надошта бошад. Ҳар сол даҳҳо мактабҳо ва кӯдакистонҳо ба истифода дода мешаванд. Шоҳроҳҳо ва нерӯгоҳҳои барқӣ, ба вижа Нерӯгоҳи барқи обии Роғун кишварро пурра бо барқи худӣ таъмин мекунад. 3 - 4 моҳ пас иншоллоҳ чархи нахустини НОБ и Роғун ба давр хӯрдан оғоз хоҳад кард ва барқ ба кишварҳои мусалмонии ҳамсоя дода мешавад. Он рӯз наздик аст, ки оби зулоли Тоҷикистон дар ивази нафт ба кишварҳои арабӣ нақл гардад. Метавон садҳо чунин намунаҳоро пеши рӯ овард. Аммо ин гуфтаҳо ба гӯши наҳзатиён хондани азон ба гӯши карро монад. Ё ҳамон гуна ки бузурге гуфтааст “Бо аҳмақ баҳс накун ва бигзор дар дунёи аҳмақонаи хеш хушбахт зиндагӣ кунад...”

Дар охир мехоҳам ба ҳамаи ҷавонони бурунмарзии тоҷик бирасонам, ки имрӯз сохти давлатдории Тоҷикистон бидуни шакку тардид, намуна барои кишварҳои дигари Шарқи мусалмонӣ мебошад ва фазои мусоиду фараҳбахш барои ҳамаи диндорон, ҳама қавму миллатҳо фароҳам оварда шудааст. Мусалмонии Пешвои миллати тоҷик Эмомалӣ Раҳмон ва фарзанди содиқи Ватан Саймӯмин Ятимов як мусалмонии шахсони бохирад мебошад. Масалан ману ту бо рӯи пурпашми худ хурдтарин кори хайреро барои ислом анҷом надодаем, аммо Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷуз корҳои бешумори густариши исломи солими анъанавӣ, чанде пеш Донишгоҳи исломиро дар пойтахти кишвар ифтитоҳ намуд. Саймӯмин Ятимов бошад бо донoиву ҳушёрии худ, намегузорад ки нозиҳои навин марзҳои кишварро убур кунанд.

***Зафар МИРЗОЁН, ховаршинос***

***(Аввалаш дар саҳ.2)***

наметавонад чор хоини дар атрофаш бударо хӯронад, ки ҳар кадоми он дар ҳар сӯ ба гурӯҳсозию ба ин васила ҷамъоварии маблағи хоҷагон пардохтаанд?

Илова ба ин, кӣ гуфтааст ба ин даъвогарон ва ба қавли худашон «пуштибонони дини ислом», ки касе аз биҳишт фирор кардааст? Магар ҳаминҳо нестанд, ки даъвои «донишманди ислом» будану «пуштибони ислом» буданро мекунанд?! Магар донандаи ин дин ва касе, ки имон ба ин дин дорад, метавонад, ки чунин як қиёси беақлона кунад? Албатта не! Аз биҳишт ҳам шайтони лаъин, ки наҳзатиён намунаи онҳоянд, ва ҳам Одаму Ҳавво, ки ба гапи шайтон (ва ё ба қиёси имрӯза — ба гапи наҳзатиён) фирефта шуданд, ронда гаштанд, ронда!!! Дар ин бора дар Қуръони маҷид ва дигар китобҳои муқаддас омадааст. Одамоне, ки фиреби шайтоннаҳзатиҳоро хӯрдаанд, метавонанд тавба карда, ба биҳишт (Тоҷикистон) боз гарданд, аммо шайтонҳо (наҳзатиён) ҳеҷ гоҳ рӯи биҳиштро нахоҳанд дид. Зеро онҳо рондашудагонанд, на фирорӣ!

### КӮШИШИ ПЕШГИРӢ АЗ РӮҲШИКАСТАГИИ НАҲЗАТИЁН

Сайидюнуси Истаравшанӣ, ки дар ин ҳамоиш иштирок надошт, ё шояд хоҷагонаш, яъне охундшиаҳои эронӣ баъди ин ҳама ошкор шудани воқеият, ки онҳоро низ дар назди наҳзатиҳо фиребхӯрда ба намоиш гузошт, зарур нашумориданд, ки ширкат кунад. Аммо ӯ ҳамчун як миёнарав тамоми кӯшиши худро кард, то аз рӯҳшикастагии бесобиқаи наҳзатиён ҷилавгирӣ кунад, аммо чун самимӣ набуд ва самимӣ ҳам буда наметавонист, зеро, ки аҳволи худаш низ чандон хуб набуд, нашуд. Ӯ тариқи навори видеоӣ гуфт, ки ҷилави таҳрифи таърих бояд гирифта шавад. Кадом таҳриф ва кадом таърих — номаълум. Зеро дар матн аслан чизе дар ин хусус наёфтам. Шояд, ки дар назар дошт он таърихеро, ки мувофиқ ба инқилоби исломии Эрон охундшиаҳои эронӣ барои Тоҷикистон навишта буданд, аммо шукр, ки барои ин миллат таърих нашуда, «таҳриф» шуд.

Ӯ болои чор масъала ва ё суол хостааст ист намояд ва кӯшиш кардааст, ки бо роҳи посух гуфтан ба суолҳои бемаънии худаш ба рӯҳияи наҳзатиёни рӯҳшикаста умед бахшад. Аммо боз ҳам аз рӯҳшикастагии худаш, ки натавонистааст фикрашро ҷамъ созад, ҷавоби чанд суолро ба худи наҳзатиҳо ҳавола кардааст. Яъне «Мо, охундҳо шояд шуморо ба роҳи хато бурдаем, аммо худатон роҳи дурустро медонед?!», маънидорона ишора кардааст Сайидюнус.

Ӯ кӯшиш ба харҷ додааст, то ба мардуме, ки аз ӯ дида, чӣ будани сулҳро бештар медонанду мехоҳанд ва ҳаминҳо ҳастанд, ки сулҳашонро аз шарри Кабирию Истаравшанӣ муҳофизат карда истодаанд, дарси сулҳ гӯяд. Хостааст, ки боз ҳам мардумро гӯл бизанад, ки гӯё ҳукумати кунунӣ иброз доштааст, ки бо касе чизе имзо накардаасту бо касе сулҳ накардааст. Ҳамин. Магар ин гуфтаҳо аз ҷониби Сайидюнус туҳмати рӯирост нест?! Тамоми мардуми Тоҷикистон аллакай ин масъаларо медонанд, ки ҳукумат бо кӣ сулҳ кардаасту бо кӣ созишнома имзо кардааст. Аз ҳамин сабаб Сайидюнус бояд зӯри беҳуда назанад ва кӯшиши маънидодсозии беҳуда накунад. Ин барои ҳар сокини бонангу ори кишвар маълум аст, ки ҳукумат бо ИНОТ созишномаи сулҳ бастааст, на бо ТЭТ ҲНИ!

Хуб, Сайидюнус боз чанд суолу ҷавоби бемантиқи дигар низ доштааст, ки зарурати шарҳу тавзеҳашро намебинам.

Дар маҷмӯъ, ӯ кӯшиш ба харҷ додааст исбот созад, ки роҳи интихобкардаи наҳзатиён дуруст буд. Албатта, зеро роҳи наҳзатиён, сар карда аз қатлу террори солҳои навадум то ба кӯшиши табаддулоти соли 2015-ум ҳама роҳу василае буданд, ки аминам хоҷагони хориҷӣ тавассути Сайидюнус ба наҳзатиён нишон доданд ва ин роҳ ба фаҳми ғуломии онҳо дуруст аст. Ба ҳамин хотир Сайидюнус амин аст, ки роҳи пур аз хиёнати наҳзатиҳо дуруст буд.

Ӯ ахиран хоҳиш кардааст, ки роҳи дигар, яъне сеюму чоруму панҷуми муносибати наҳзатиҳоро бо ҳукумат, агар бошад, дигарон бигӯянд! Ин аст заволи наҳзатиҳо, ки дигар намедонанд чӣ коре дар муқобили ин миллати олинажод анҷом бидиҳанд.

Тоҷик миллати тавоност, зеро дар моварои таърих ягон хиёнат асолаташро шикаста натавонист ва ҳатто дар замони бедавлатӣ худро ғуломи аҷнабиёну бегонагон накард!

Ин давлат побарҷост, то замоне, ки дар садри он фарзандони бонангу ори ин миллат истодаанд!

Ин миллат хиёнати наҳзатиёнро бахшиданӣ нест, зеро хиёнатҳои наҳзатиён омили ҳама бадбахтиҳои ин миллат гардидаанд!..

## ДАР РОСТОИ ТАҚВИЯТИ РОБИТА БО МАҲАЛ

# ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ВА ХОҶАГИДОРӢ БО СУРЪАТИ БАЛАНД РУШД КАРДА ИСТОДААНД



Кормандони масъули Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ иқдоми пешгирифтаи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлонро, ки соли 2018-ро ҳамчун Соли тақвияти робита бо маҳал эълон намудааст, дастгирӣ карда, ташкилотҳои ибтидоии ноҳияро бо барнома ва самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ошно гардонида истодаанд.

Бо ҳамин мақсад дар ташкилоти ибтидоии ҳизбӣ "Ангурбоғ"-и маҳаллаи Будиёни ҷамоати деҳоти Фрунзеи ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ оид ба баррасии самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳизбӣ, хоҷагидорию кишоварзӣ ва корҳои хонагию ҳунарҳои мардумӣ дар заминаи эълон гардидани Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ба хотири паст кардани шиддати бекорӣ ва фаро гирифтани сокинон бо шуғл, тарғиби нақши урфу одат ва анъанаҳои неки мардумӣ дар байни сокинон ва бо мақсади тарбияи ахлоқию маънавии ҷомеа вохӯрӣ гузарониданд, ки сокинон аз шунидани суханрониҳои судманди масъулин ба худ таассуроти нек бардоштанд.

*н.Ҷ.БАЛХӢ*

# ХОҶАГИДОРИВУ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ БАХШҲОИ ДАРОМАДНОК БА ҲИСОБ МЕРАВАНД



Бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Балҷувон дар деҳаи Зарнисор-1-и ҷамоати деҳоти ба номи Сайф Раҳим бо сокинон семинари омӯзишӣ оид ба соҳаи кишоварзӣ дар заминаи Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ баргузор гардид.

Дар кори семинар кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Балҷувон ва ҳамоҳангсоз оид ба лоиҳаи тиҷораткунонии соҳаи кишоварзӣ дар вилояти Хатлон Изатуллоев Фармоналӣ иштирок дошта, оид ба истифодаи самараноки замин, таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти тару тозаи дохилӣ, хушк намудани меваҳо ва хошок барои ҷорво инчунин рушди ҳунарҳои мардумӣ, ҷалби занону ҷавонон ба омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ андешаронӣ карда, мақсади ҷорабинии зикргардида, ки бахри баланд бардоштани сатҳи зиндагии некӯаҳволии мардум, ҷалби сайёҳони хориҷӣ ба ноҳия ва тарғибу ташвиқи ғояҳои ватандӯстиву ватанпарастӣ дар замири сокинони деҳаҳои дурдасти ноҳияи Балҷувон ба шумор мерафт, ба иштирокдорон фаҳмонида дода шуд.

*н.БАЛҶУВОН*

# ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ БО РАНГУ ШАКЛИ ТОЗА ЭҲЁ ГАРДИДАНД!



Дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Кӯмакрасон» тибқи ҷадвали баргузории хонишҳои сиёсӣ вобаста ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ вохӯрӣ баргузор гардид, ки дар он намояндагони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Бохтар Асадуллозода Саймуҳамад ва Фаррух Исоев иштирок ва андешаронӣ намуданд.

Зимнан Асадуллозода Саймуҳамад оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳизб, аз ҷумла тарғиби фарҳанги миллӣ ва пешгирӣ аз майли бегонапарастӣ миёни ҷавонону занон суханронӣ намуда, қайд кард, ки либоси миллӣ нишоне аз таъриху фарҳанги қадимаи ҳар як халқияту миллат мебошад. Нигоҳ доштани либоси миллӣ ва аз насл ба насл ба мерос гузоштани он вазифаи муқаддаси ҳар як сокини соҳибхирад аст.

Сипас, дар идома Фаррух Исоев оид ба эълон гардидани соли 2018 ҳамчун Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарои мардумӣ ҳарф зада, афзуд, ки ин иқдоми пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои миллати тоҷик як ҳадяи бузург аст, ки тавассути ин иқдом ҳунарҳои миллиамон, ки ба нестшавӣ наздик буданд, аз нав бо рангу шакли тоза зинда гардиданд.

*ш.БОХТАР*

# МО МЕЪРОСИ АҶДОДИАМОНРО ҲИФЗ МЕКУНЕМ



Дар деҳаи Файзободи ҷамоати деҳоти Гулистони ноҳияи Восеъ тибқи нақшаҷорабиниҳои марҳилаи дуюми фаъолият дар соли 2018 бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ , Соли тақвияти робита бо маҳал ва самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ бо иштироки сокинон ҷорабинии сиёсию фарҳангӣ баргузор гардид.

Зимнан муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Восеъ Раҷабова Шаҳноза қайд намуд, ки насли ҷавони кишвар аз ин иқдоми Пешвои миллат сипосгузоранд, зеро мо метавонем ҳунарҳои миллиро рушди тоза бахшида, тавассути дастранҷи бонувони ҳунарманд миллатро дар дунё муаррифгар бошем.

Мақсад аз баргузории ҳамоиши мазкур ин эҳёи корҳои хонагӣ ва бо ин васила паст кардани шиддати бекориву камбизоатӣ ва рушди иқтисодиёти ҷомеа мебошад.

Инчунин, дар идомаи суҳбат кормандони масъули Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Восеъ дар назди ҷамъомадагон оид ба Соли тақвияти робита бо маҳал ва самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ андешаронӣ намуданд.

*н.ВОСЕЪ*

# СОКИНОН БО ЭҲЁИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ БАР ЗИДДИ ГУРӮҲҲОИ ИФРОТӢ МУБОРИЗА МЕБАРАНД



Тибқи ҷадвали баргузории суҳбату вохӯриҳои кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Вахш оид ба фаъолияти ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ дар нимсолаи дуюми соли ҷорӣ дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии "Якатут"-и ҷамоати деҳоти Тоҷикобод ҷорабинии ҳизбӣ бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ва тарғиби Аксияи ҳизбӣ тахти унвони "Якҷоя ҳал мекунем!" вохӯрӣ доир карда шуд.

Дар ҷамъомади мазкур мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Вахш Камолов Сафаралӣ ва мутахассиси ҳамин шуъба Неъматов Азизулло иштирок ва суханронӣ намуданд.

Иштирокчиён иброз доштанд, ки эҳё ва зинда гардонидани касбу ҳунарҳои мардумӣ, ки аз ниёгонамон ба мо меърос мондаанд, онҳоро ба насли ҷавону наврас омӯзондан ва чун гузаштагони хеш ба насли оянда ба мерос гузоштан вазифаи ҷонии мост. Мавсуф дар ин росто самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ-ро баррасӣ карда, иштирокдоронро ба корҳои созандагиву ободонӣ, дар амал татбиқ намудани Аксияи тарғиботии ҳизбӣ тахти унвони «Якҷоя ҳал мекунем!» даъват намуд.

Масъулин дар рафти ҷорабинӣ аз корҳои хонагии занону бонувони ҳунарманди деҳа, ки ба гулдӯзиву қуроқдӯзӣ, рафидадӯзӣ, кашидадӯзӣ ва дигар намуди ҳунармандӣ машғуланд, шинос гардиданд.

*н.ВАХШ*

# ҲХДТ-ҲИЗБИ СОЗАНДАВУ БУНЁДКОР БУДА, МАРОМАШ ОБОДИИ ВАТАН АСТ



Дар доираи татбиқи босифати бандҳои нақшаҷорабиниҳои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Данғара дар нимсолаи дуюми соли 2018 ва масъалагузориҳо нисбати фаъолияти кормандони масъули Кумитаҳои иҷроияи ибтидоии ҳизбӣ дар ҷамоатҳои деҳот маҷлиси ҳизбӣ бо иштироки раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Данғара Каримов Пирмаҳмад, мудирони шуъбаҳо, раисони Кумитаҳои иҷроияи ибтидоии ҳизбӣ дар ҷамоатҳои деҳот ва кормандони масъули ҳизбӣ доир гардид.

Дар маҷлиси мазкур раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Данғара Каримов Пирмаҳмад оид ба масъалаҳои ҷорӣ ва иҷрои босифати бандҳои нақшаи корӣ, пайваста гузаронидани корҳои таблиғотиву ташвиқотӣ оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳизбӣ байни аҳолӣ ва аз наздик шиносоӣ пайдо намудан аз вазъи зиндагии сокинон, тавсияҳои муфиди корӣ дода, аз онҳо бахри иҷрои саривақтии вазифаҳои хизматии содиқона ва софдилона ба халқу давлат даъват ба амал овард.

*н.ДАНҒАРА*

# «АРМУҒОНИ ХАТЛОНӢ»-ОЗМУНИ ПИСАНДИДА!



Силсила-вохӯриҳои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Дӯстӣ ҳамарӯза дар байни аҳолии деҳот ва ташкилоту муассисаҳои ноҳия ҷараён доранд. Маҳз бо ҷаҳду талоши роҳбарияти Кумитаи иҷроия дар деҳаи Шӯрои ҷамоати деҳоти Деҳқонобод оид ба эълон намудани озмуни ҳизбӣ дар вилояти Хатлон тахти унвони «Армуғони хатлонӣ», бо занону духтарони деҳоти номбурда суҳбату вохӯрӣ баргузор гардид.

Ҳадаф аз баргузории ҷорабинии мазкур ҷоннок намудани ҳисси зебоипарастӣ ва завқи баланди занону духтарони деҳот мебошад.

Имрӯзҳо ҳадафи асосии Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Дӯстӣ пеш аз ҳама, мардумро дар роҳи дурусти ҳаёт, расидан ба қуллаи муроди зиндагӣ ва осоиштагии рӯзгор, бо ҳунару касбомӯзӣ ҷалб намудани ҷавонон, бахусус занону духтарон, ҷилавгирӣ намудан аз гароиш ба ҳар гуна равияҳои ифротӣ ва ба роҳи рушд роҳнамо сохтан аст.

Дар рафти ҷорабинӣ раиси ташкилоти ибтидоии ҳизбӣ Қурбонгул Маҳрамова фаъолияти хуби ташкилотро дар якҷоягӣ бо занону духтарони деҳот ва намоиши маҳсули дастранҷи онҳоро муаррифӣ сохт.

*н.ДӮСТӢ*

# ОГОҲОНИДАНИ МАРДУМ АЗ ХАВФУ ХАТАРИ ТЕРРОРИЗМУ ЭКСТРЕМИЗМ ВА РОҲҲОИ ПЕШГИРӢ АЗ ОН



Дар ташкилоти ибтидоии «Амонатбонк»-и шаҳр вохӯрӣ доир карда шуд. Дар ин вохӯрӣ оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳизбӣ аз тарафи мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуот Фирдавс Ғафурзода ва раиси ташкилоти ибтидоии ҳизбии "Амонатбонк" Сайфзода Шаҳло андешаронӣ карда шуд.

Сайфзода Шаҳло оид ба нуктаҳои асосии Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ баромад намуд.

Дар идомаи суҳбат Ғафурзода Фирдавс атрофи аз байн бурдани таассуби динӣ ва хурофотпарастӣ, баланд бардоштани сатҳи огоҳии мардум аз хавфу хатари терроризму экстремизм ва роҳҳои пешгирӣ аз он, пешгирӣ аз бегонапарастиву майл ба фарҳанги бегона, муқовимат бо коррупсия, пешгирӣ аз истифодаи нодурусти технологияи муосир ва шабакаҳои иҷтимоӣ баромад намуд.

*ш.НОРАК*

ДАР РОСТОИ ТАҚВИЯТИ РОБИТА БО МАҲАЛ

## МАЪРАКАИ ОБУНА БА НАШРИЯҲОИ ҲИЗБӢ БО МАРОМ ҶАРАЁН ДОРАД




Нашриёҳои ҳизбии «Минбари халқ» ва «Ҳамрози халқ» минбари розу ниёзи халқ ба ҳисоб мераванд. Бо мақсади иҷрои нақшаи обуна ба нашриёҳои ҳизбии «Минбари халқ» ва «Ҳамрози халқ» дар назди Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ёвон ситоди «Обуна-2019» ташкил карда шуда, раванди обунашавӣ бо маром ҷараён дорад.

Боиси хурсандист, ки аввалин шуда дар ноҳия ҷамоати деҳоти Ситораи Сурх тахти роҳбарии раиси ҷавону кордон Ғаффоров Абдурасул нақшаи обуна ба нашриёҳои ҳизбии «Минбари халқ» ва «Ҳамрози халқ»-ро дар давоми як рӯз иҷро намуданд, ки барои дигар роҳбарони ташкилотҳои ибтидоии ноҳия қобили омӯзиш аст.

Дар ҳақиқат Ғафоров Абдурасул ҳамчун роҳбари ҷавону кордон дар давоми фаъолияти роҳбарии худ бахри амалӣ гардидани мақсаду мароми халқпарваронаи ҲХДТ садоқатмандона саъю талош варзида истодааст.

*н.ЁВОН*

## АКСИЯИ “ЯКҶОЯ ҲАЛ МЕКУНЕМ!” ДАР АМАЛ ТАТБИҚ ГАШТА ИСТОДААСТ



Бо мақсади сазовор ҷашн гирифтани 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар доираи баргузории нақша-чорабиниҳои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Қубодиён оид ба анҷоми корҳои созандагиву ободонӣ ва дар амал татбиқ намудани Аксияи тарғиботӣ-амалии ҳизбӣ тахти унвони “Якҷоя ҳал мекунем!” бо ташаббуси ташкилоти ибтидоии ҳизбии “Тахти Сангин” дар деҳаи дурдасти Чкалови ҷамоати деҳоти Тахти Сангини ноҳия роҳи автомобилгарди аҳамияти маҳаллидошта бо ҷалби сокинон ва шахсони саховатпеша дар масофаи 10 километр таъмири ҷорӣ гузаронида шуд. Роҳ, ки солҳои тӯлонӣ рӯи таъмирро надида буд ва барои ронандагон мушкилӣ пеш меовард, мумфарш ва обод карда мешавад.

Сокинон аз чунин иқдоми нек сарфароз буда, ташаббуси ватандӯстонаи ҳизбиёнро давоми ғамхориҳои мантиқии сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон медонанд.

*н.ҚУБОДИЁН*

## ЭЪЛОН ГАРДИДАНИ СОЛИ РУШДИ САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ-ЯКЕ АЗ ТАШАББУСҲОИ БЕНАЗИРИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ АСТ!



Дар деҳаи Даҳанаи шаҳри Кӯлоб мутобиқ ба ҷадвали тасдиқшуда, намоиши ҳунарҳои мардумӣ баргузор карда шуд.

Зимни он мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб Фирӯзи Саидмӯъмин ва муовини раиси ҷамоати деҳоти Даҳана Сайдаҳмадова Латофат иштирок ва суханронӣ намуданд.

Нахуст, дар чорабинӣ қайд гардид, ки масъалаи дар руҳияи ҳунармандӣ тарбия намудани насли наврас ва ҷалби бештари сайёҳон ба Тоҷикистон аз ҷониби давлату Ҳукумати мамлакат диққати махсус дода мешавад.

Чунин иқдом аз як тараф муаррифии фарҳанги мо бошад, мақсади асосии дигари ин иқдом пеш аз ҳама тарбияи дурусти ахлоқӣ ва омӯзонидани касбу ҳунар ба насли наврасу ҷавони имрӯза иборат мебошад.

*ш. КӮЛОБ*

## ҶОНИБДОРӢ АЗ АКСИЯИ ТАРҒИБОТӢ-АМАЛИИ ҲИЗБӢ ТАҲТИ УНВОНИ “ЯКҶОЯ ҲАЛ МЕКУНЕМ!” ДАР МАҲАЛ



Дирӯз дар маҳаллаи Наврӯзи ҷамоати деҳоти Фирӯзаи ноҳияи Носири Хусрав бо иштироки васеъи сокинони деҳа вохӯрӣ баргузор гардид.

Чорабиниро раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Алиева Сураё ифтитоҳ намуда, қайд кард, ки мақсади баргузории чорабиниву мулоқотҳо ин таҳким бахшидан ба Ваҳдати миллӣ, дар амал татбиқ намудани интизориҳои Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ва сафарбар намудани сокинони маҳал дар ҳалли масъалаҳои созандагию бунёдкорӣ, инчунин ҷалби онҳо дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ иборат мебошад.

Дар ин робита ба рушди корҳои хонагӣ, косибӣ, касбу ҳунаромӯзӣ, баланд бардоштани фарҳанги миллӣ, ҳифзи суннату анъанаҳои мардумӣ, раҳоӣ ёфтан аз бегонапарастӣ, омӯзиши таъриху фарҳанги гузаштаву муосири халқро ба роҳ монда, ҷалби ҷавонон ба касбу ҳунарҳоро ривоҷ диҳем.

Сокинони маҳалла иқдом гирифтанд, ки дар партави Аксияи тарғиботии ҳизбӣ тахти унвони “Якҷоя ҳал мекунем!” роҳҳои атрофи маҳалла ва ҷӯйҳои обгузари дохили деҳаро тоза намуда, дар таъмиру азнавсозии бинои муассисаи таълими №4 саҳми худро мегузоранд.

Аз ҷониби сокинон намоиши ҳунарҳои мардумӣ ва хӯрокҳои миллӣ, гилембофию, зардӯзиҳо ва маҳсулоти кишоварзӣ ташкил карда шуд.

*н.Н. ХУСРАВ*

## ФАЗОИ ТОҶИКИСТОН АЗ БАРАКАТИ СУБОТУ ОРОМӢ ПУР АЗ ТАНТАНАҲОИ ФАРҲАНГИВУ АМАЛҲОИ СОЗАНДАГИСТ!



Бо иштироки, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Кушониён Сатторова Мунаввара, масъули кумитаи амнияти ноҳия Комилзода Илҳом ва инчунин бо иштироки мардуми деҳаҳои Саъдӣ Шерозӣ ва Ғозималик мулоқот баргузор гардид.

Масъулини ҳизбӣ оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ суханронӣ намуда, қайд намуданд, ки маҳз аз баракати суботу оромӣ кишвари мо ба макони тантанаҳои фарҳангӣ ва музаффариятҳои меҳнатӣ табдил ёфтааст.

Инчунин, дар рафти чорабинӣ намоиши ҳунарҳои дастӣ, ҳунарҳои кадбонугӣ, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзони деҳа ба маърази тамошо гузота шуда буд, ки писанди ҳозирин гардид.

*н.КУШОНИЁН*

## СОКИНОН АЗ ЭЪЛОНИ СОЛИ РУШДИ САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ХУШҲОЛАНД



Бо сокинони кӯчаи ба номи Сайдалӣ Ализодаи ҷамоати шаҳраки Муъминободи ноҳия тибқи ҷадвали баргузории мулоқотҳо бахшида ба соли Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ вохӯрӣ баргузор гардид.

Дар мулоқот муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Муъминобод Гулсунбӣ Раҷабова ва раиси ҷамоати шаҳраки Муъминобод С. Мирзошарифзода иштирок ва суханронӣ намуданд.

Инчунин, дар ин вохӯрӣ самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Дар рафти чорабинӣ бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар кӯчаи мазкур намоиши ҳунарҳои дастии сокинони кӯча, аз қабили чакандӯзӣ, заргарӣ, табақтарошӣ ба намоиш гузошта шуданд.

*н.МУЪМИНОБОД*

## БАРГУЗОРИИ ХОНИШҲОИ СИЁСӢ БО МАҚСАДИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ФАРҲАНГИ СИЁСӢ ВА МАЪНАВИИ СОКИНОН



Дар асоси ҷадвали тасдиқшуда, дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Ҷамоати шаҳрак» бо иштироки кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Фархор хониши сиёсӣ баргузор карда шуд.

Раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Фархор Аличон Назаров дар назди ҳизирин баромад намуда, оид ба ҳадафҳои Оинномавӣ ва Барномавӣ, ва самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, дар бораи ватандӯстию хештаншиносӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллию ахлоқӣ, сиёсати хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон суханронӣ намуда, бори дигар мардумро аз амалҳои зишту нангини ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ хабардор кард.

*н.ФАРХОР*

## ПЕШГИРИИ БЕМОРӢ ВОСИТАИ БЕҲТАРИНИ СОЛИМИИ ҶОМЕА МЕБОШАД!



Бо иштироки кормандони масъули Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ховалинг дар маҷлисгоҳи китобхонаи маркази ноҳия дар байни занони фаъоле, ки аз ҳамаи ҷамоатҳои деҳоти ноҳия даъват шуда буданд, атрофи яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, пешгирӣ аз бемориҳои сироятӣ бо мақсади баланд бардоштани маърифат ва масъулияти мардум хониши сиёсӣ баргузор гардид.

Машғулиятро мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ховалинг Сайҷалол Сатторов кушода, ҳозиринро ба муҳтавои самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳизб ва мавзӯъи суҳбат шинос намуд.

Мудири шуъбаи кор бо ҷавонон ва занони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Ҷамшед Каримов, мутахассисони соҳаи тандурустӣ Сайнуриддин Зухуров, Файзалӣ Исупов оид ба роҳҳои пешгирии бемориҳои сирояткунанда, аз ҷумла ВНМО/АНМО ва Гепотити С ба таври муфассал маълумот доданд. Ҷамъомадагон дар бораи омилҳои маъмултарини паҳншавии бемориҳои сироятӣ асбобҳои дуруст покношудаи духтури дандон, истифодаи асбобҳо ҳангоми сартарошӣ дар сартарошхонаҳо, ки боиси захмдор гардидани пӯсти сар мегардад, истифодаи сӯзандориҳои покнашуда, нашъмандӣ, алоқаи ҷинсии тассодуфӣ, сӯзандармонӣ дар алоҳидагӣ маълумоти пурра пайдо намуданд.

Дар хониши сиёсӣ таъкид гардид, ки ин бемории ВНМО табобатнашаванда буда, марги ногузирро дар пай доранд. Аз ин рӯ интихоби тарзи ҳаёти солим роҳи осон ва бехатари солим нигоҳ доштани худ ва аҳли оила мебошад.

Ба иштирокдорони хониши сиёсӣ дастур дода шуд, дар нишастҳо ва ҷойҳои ҷамъиятӣ, хоса ба занону бонувон дар бораи ин бемориҳои сирояткунанда ва роҳҳои пешгирии онҳо суҳбатҳо доир намоянд.

*н.ХОВАЛИНГ*

ДАР РОСТОИ ТАҚВИЯТИ РОБИТА БО МАҲАЛ

## ҶАВОНОН ОЯНДАИ ДАВЛАТУ МИЛЛАТАНД!



Мувофиқи нақшачорабиниҳои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Левакант дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Ҷавонон» бо иштироки аъзои намояндагии ТҶҶ «Созандагони Ватан» вохӯрии судманд баргузор гардид.

Зимни суханронии худ муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳр Назарова Фароғат ибрози андеша намуда, афзуд, ки ҳар нафаре, ки пайваста ба варзиш машғул мешавад, ҳамеша саломатиаш мустаҳкам, рӯҳу тавонаш болида асту хуштаъб ва солиму бардам умр ба сар мебарад.

Чунки ояндаи давлату миллат дар дасти шумо барин ҷавонони солиму ватандӯст мебошад. Инчунин, дар идомаи суҳбат ҷавононро аз хавфу хатарҳои ҳизбу ташкилотҳои террористиву экстремистӣ хабардор карда, аз онҳо барои пешгирӣ аз шомилшавӣ ба гурӯҳҳои ифротӣ даъват ба амал оварданд.

***ш.ЛЕВАКАНТ***

## ПОКИЗАГИИ МУҲИТИ ЗИСТ БАЁНГАРИ ФАРҲАНГИ ВОЛОИ МИЛЛАТ АСТ



Дар асоси ҷадвали баргузори хонишҳои сиёсӣ дар ташкилоту муассисаҳо вохӯрии навбатии кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Темурмалик дар Бахши ҳифзи муҳити зисти ноҳия баргузор гардид.

Зимнан масъулин оид ба ташвиқу тарғиби самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, инчунин дар масъалаи Барномаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рушди ҳифзи муҳити зист барои солҳои 2016-2020» суҳбат карда шуд.

Дар рафти мулоқот мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Темурмалик Боронов Сабзаалӣ баромад карда, самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро фаҳмонид.

Доир ба суханронии масъулин кормандони бахши ҳифзи муҳити зисти ноҳия Қармишев Фирӯз ва Ҳакимов Пираҳмад вобаста ба хониши сиёсӣ андешаҳои худро баён карда, роҷеъ ба ҳифзи муҳити зист ва дигар масъалаҳои экологӣ суханронӣ намуданд.

Дар ҷараёни мулоқот намояндагони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия аз иштирокдорон даъват ба амал оварданд, ки ҳамчун азои фаъоли ҲХДТ маълумотҳои аз хониши сиёсӣ гирифтаи худро дар байни аҳолӣ ташвиқу тарғиб намоянд.

***н.ТЕМУРМАЛИК***

## ХИЁНАТИ АЪЗОИ ТЭТ ҲНИ НОБАХШИДАНИСТ!



Дар доираи ҷадвали баргузории вохӯриву мулоқот дар корхона, муассиса, ташкилот ва деҳаю маҳаллаҳои ноҳияи Хуросон, бо иштироки муовини раис-мудири шуъбаи ташкилӣ ва баҳисобгирии Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Азизова Сабоҳат дар ташкилоти ибтидоии «Амонатбонк» бо аъзову кормандони он вобаста ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ ва таъсири идиологияи зиёновари гурӯҳҳои ифротӣ, аз ҷумла ТЭТ ҲНИ ба мафкураи миллӣ хониши сиёсӣ баргузор гардид.

Зимнан Азизова Сабоҳат дар назди ҷамъомадагон самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, ҳадафҳои барномавии он, нисбати сиёсати ватандӯстонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Раиси муаззами ҲХДТ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро баррасӣ карда, инчунин дар идомаи суҳбат моҳияи Аксияи тарғиботии ҳизбӣ таҳти унвони «Якҷоя ҳал мекунем!»-ро ба дарки ҷомеа расонида, онҳоро барои дар амал татбиқ намудани Аксияи мазкур ҳидоят намуд.

***н.ХУРОСОН***

## СОҲИБКОРИЮ ХОҶАГИДОРӢ МАНБАИ АСОСИИ ДАРОМАДИ СОКИНОНИ МАҲАЛ ГАШТААСТ!



Бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷайҳун дар деҳаи Озодӣ 1-и ҷамоати шаҳраки Дӯстии ноҳия чорабинии таблиғотии ҳизбӣ оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ дар самти бурдани корҳои фаҳмондадиҳӣ миёни шаҳрвандон бо мақсади паст кардани сатҳи бекориву камбизоатӣ дар заминаи рушди соҳибкориву хоҷагидорӣ ва корҳои хонагӣ бо иштироки муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷайҳун Насим Сабурзода ва мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Фарҳод Обидов бо сокинони фаъоли деҳа доир гардид.

Зимнан кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷайҳун Насим Сабурзода ва Фарҳод Обидов атрофи самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, вобаста ба масъалаи ба миёнгузоштаашуда, муфассал суханронӣ намуда, иброз доштанд, ки бо мақсади рӯҳбаландии хоҷагидорон чунин чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ ва намоиши маҳсулоти кишоварзии дастранҷи деҳқонон доир карда шуд ва боварӣ ҳаст, ки деҳқонон ба шавқ омада, маҳсулоти кишоварзиро бештар истеҳсол менамоянд ва дар рушди иқтидори содиротии кишвар саҳм мегузоранд.

Дар фарҷом масъулин ба суолҳои ҳозирин вобаста ба масъалаи ҷойдошта ҷавобҳои амиқ гардониданд.

***н.ҶАЙҲУН***



## КОРҲОИ ТАРҒИБОТӢ БА ХОТИРИ БОЗ ҲАМ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ ОГОҲИИ МАРДУМ АЗ ХАТАРИ ТАШКИЛОТҲОИ ТЕРРОРИСТИВУ ЭКСТРЕМИСТӢ

Мувофиқи ҷадвали баргузории вохӯрию мулоқот дар корхона, муассиса, ташкилот ва деҳаю маҳаллаҳои ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ пайваста вохӯриву мулоқотҳо баргузор гашта истодаанд.

Ин навбат бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Шарифобод»-и ҷамоати деҳоти ба номи Қадриддин Ғиёсови ноҳия бо иштироки мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ Суннатулло Ашӯров атрофи баланд бардоштани сатҳи огоҳии мардум аз хатари терроризму экстремизм бо мақсади пешгирӣ аз ҷалби шаҳрвандон ба ташкилотҳои экстремистиву террористӣ вохӯрӣ доир карда шуд, ки ба иштирокдорони он писанд омад.

***н.А.ҶОМӢ***

## СОЛИМИИ МИЛЛАТ АЗ НАСЛИ ОЯНДАСОЗАШ ВОБАСТА АСТ!



Дар майдончаи муассисаи давлатии варзишии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо ибтикори бахши ҷавонон ва занони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия бо иштироки кормандони масъули он Муродалӣ Шамсов ва раиси ташкилоти ибтидоии «Муассисаи давлатии варзишӣ»-и ноҳия Бахтиёр Қурбоналиев бозии шавқовари футбол дар байни ҷавонону наврасони ҷамоати шаҳраки Москва доир карда шуд. Мусобиқаи варзишии футбол бо мақсади тарғиби тарзи ҳаёти солим ва бахри дар амал татбиқ намудани сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Раиси муаззами ҲХДТ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ҳамчунин бахри тарғибу ташвиқи варзиш ва оммавигардонии он гузаронида шуд.

Ҷавонон дар бозии шавқовари футбол байни ҳам қувваозмоӣ ва маҳорати хуби варзишӣ нишон доданд. Чунин мусобиқаҳои варзишӣ дар муассисаи давлатии варзишии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ то охири ҳафта гузаронида мешавад ва дар охир дастаҳои ғолиб бо тӯҳфаҳои ҳизбиён сарфароз гардонида мешаванд.

***н.ҲАМАДОНӢ***

## АКСИЯИ ҲИЗБИИ «ЯКҶОЯ ҲАЛ МЕКУНЕМ!» БА ХОТИРИ РӮЗГОРИ ОБОДУ ЗИНДАГИИ ШОИСТАИ МАРДУМ НИГАРОНИДА ШУДААСТ!



Бо мақсади иҷрои ҷадвали баргузории вохӯрию мулоқотҳо дар корхона, муасссиса, ташкилот ва деҳаю маҳаллаҳои ноҳияи Шаҳритуз дар нимсолаи дуюми соли равон бо иштироки кормандони масъули Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия дар деҳаи Пахтаободи ҷамоати деҳоти Пахтаободи ноҳияи Шаҳритуз атрофи самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, чорабинии фарҳангӣ бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ва роҳандозии Аксияи тарғиботии ҳизбӣ таҳти унвони «Якҷоя ҳал мекунем!» бо иштироки мудири шуъбаи кор бо занон ва ҷавонони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Шаҳритуз Абдуллоева Шоира баргузор гардид.

Абдуллоева Шоира дар назди ҷамъомадагон оид ба масъалаҳои номбурда андешаронӣ карда, онҳоро ҷиҳати татбиқи нишондиҳандаҳои аксияи ҳизбӣ: ободонии маҳал, сохтмони биноҳои иҷтимоӣ-маишӣ, мактабу синфхонаҳо, таъмири роҳу пулҳо, дасти кӯмак дароз намудан ба шахсони эҳтиёҷманди ҷомеа ҳидоят намуд.

***н.ШАҲРИТУЗ***

## ХОНИШҲОИ СИЁСӢ – ОМИЛИ РУШДИ МАФКУРАИ СИЁСИИ ҶОМЕА



Намояндагони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин дар ташкилоти ибтидоии «Дармонгоҳ» атрофи самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳизбӣ бо аъзои ҳизб хониши сиёсӣ баргузор намуданд. Ин чорабиниҳо бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, дар доираи татбиқи Аксияи тарғиботӣ-амалии ҳизбӣ таҳти унвони «Якҷоя ҳал мекунем!» баргузор шуда истодаанд.

Бояд тазаккур дод, ки масъулин дар назди ҷамъомадагон атрофи самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, ҷиҳати дар сатҳи баланди фарҳангӣ ҷамъбаст намудани Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ва Соли тақвияти робита бо маҳал инчунин Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” андешаронӣ карда, иштирокдоронро бахри боз ҳам тозаю безарар ва сарфаву сариштакорона истифода бурдани ҳар қатра об ва дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои созандаи ҲХДТ ҳидоят карданд.

***н.Ш.ШОҲИН***

БА МУНОСИБАТИ СОЛИ РУШДИ САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ

# ОБҲОИ ТАБОБАТИИ ТОҶИКИСТОН ОМИЛИ РУШДИ САЁҲАТИ ДОХИЛИВУ ХОРИҶӢ

## *Ба истиқболи соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ*

Имсол Пайёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, бо эълон доштани соли 2018 ҳамчун «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» бори дигар аз пайки нек ва ватанпарастию меҳандӯстии Раиси ҷумҳур мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дарак медиҳад. Ин иқдоми наҷибу ғамхоронаи Президенти кишвар поя-ро барои боз ҳам пешравию шукуфо-ии Тоҷикистон устувор намуда, моро водор месозад, ки соҳаи сайёҳиро так-мил дода, диққати сайёҳони хориҷиро ба кишвари биҳиштосои хеш ҷалб на-моем ва дар баробари ин ҳунарҳои қадимаи ниёгонамонро бедор намуда, ба ҷаҳониён муаррифӣ карда тавонем.

Тоҷикистон мавзеъҳоеро дорост, ки на танҳо барои сайёҳон сайёҳатгоҳ, балки ин маконҳо дар баробари зебой ва диққатҷалбнамоии хеш хусусиятҳои шифобахши низ доранд.

***ГАРМ-ЧАШМА.*** Чашмаи минералии шифобахши Гарм-Чашма (ба забони русӣ «Горя-чий источник») дар баландии 2325 метр аз сатҳи баҳр ва дар қисмати ғарбии кӯҳи Шоҳдара воқеъ буда, маҷрои дарёи Гарм-Чашма, ба дарёи Панҷ мерезад. Чашма умри чандинҳазорсола дорад, зеро дар тӯли чандин-асраи мавҷудияташ дар ин ҷо таҳшинҳои оҳаксанг ҷамъ шуда, ба тарафи дарё чун шола овезонанд. Ин шолаҳо ранги сафеди равшан, зард-чатоб ва хурмоӣ дошта, дар шакли туппаҳои сарбури-да ба масофаи 1,5 километр, паҳнояшон 40-50 метр, балан-диашон аз 7 то 35 метр тӯл кашидаанд. Оби минералӣ ба болои ин теппаҳо рост чун теға аз каъри замин найзавор фаввора зада мебарояд, ки қади ҷаҳиши он аз 10 см то ба 1,5 метр мерасад. Дар як сония ин найзаҷаҳо қариб 5 то 7 литр об мебароранд.

Яке аз омили муҳими осоишгоҳ қарор гирифтани макони ҷойгиршавии чашмаҳо бар замми табобат бо оби чашма обу ҳавои форами маҳал аст, ки барои шифо ёфтан аз бемориҳои дил, системаи асаб, миён, пой, пӯст ва касалиҳои занона мусоидат менамояд.

Соли 1957 дар ҷои баромади обҳои минералӣ табобатгоҳи Гармчашма бу-нёд гардида, ки баъдан чандин маро-тиба тармиму бозсозӣ шудааст.

Дар ин ҷо касалиҳои роҳҳои нафасгирӣ, шабакаи гардиши хун, касалиҳои гинекологию урологӣ, усту-хон, радикулит ва ғайра муолиҷа карда мешавад.

Обҳои чашмаҳои кӯҳии он ба бисёр касалиҳо даво аст.

Ҳавзи гармчашма чуқуриаш дар баъзе ҷо ним метр мебошад. Он аз оби гарму ҷӯшон иборат аст, ки таркибаш аз оҳану алюминий, магний, стронсий, фтор ва дигар элементҳои химиявӣ иборат аст. Ҳамчунин дар об миқдори зиёди сероводорода (170 миллиграмм дар як литр), кремневой кислота (135 миллиграмм дар як литр) ва углекис-лота (381 миллиграмм дар як литр). Ҳарорати об дар баъзе ҷояш 62$^0$С дар ҳавзҳояш бошад аз 38 то +50$^0$С мебо-шад.

Ҳарорати об ҳангоми баромадан аз найзаҷаҳо ба берун қариб ба 62 дараҷаи Селсия мерасад. Дар ҳавзҳо бошад, ҳарорати он вобаста ба наздик будани чашма, аз 38 то 50 дараҷа мерасад. Деворҳои берунии обанбор бо шушаҳои оҳакии ба он часпида ва бо рангҳои мухталифи шушаҳо оро ёфта, манзараи аҷиберо пеши назар ҷилвагар месозанд. Таги ҳавзи аз ҳама калон бо таҳшини тунуки нарми карбонати кал-сий ва омехтаи сулфид пӯшонида шу-даast.

Дар ин минтақа сарчашмаҳои ан-гидриди карбондор низ мавҷуданд, ки мудом 14 дараҷа гарм буда, оби онро сокинони маҳаллӣ чун оби нӯшоки ис-тифода мебаранд.









***ХОҶА ОБИГАРМ***. Осоишгоҳи Хоҷа обигарм - 42 километр дуртар аз Душанбе, дар баландии 1790 – 1960 метр аз сатҳи баҳр) ҷойгир мебошад. Соли 1970 дар ин ҷо се иморати бузур-ги 10, 6 ва 4 ошёна сохта ба истифода дода шуд. Лоиҳаи онро муҳандисони Франсия тайёр карда буданд, ки он бо муҳити зебои ин ҷо бисёр ҳам мувофиқ омадааст. Воситаи асосии табобатии ин осоишгоҳ оби минералӣ аст, ки ҳарорати он + 45 то + 96$^0$С-ро дар бар мегирад. Дар ин ҷо дар тӯли масофаи 400 метр қариб 40 чашма дида меша-вад.

***ШОҲАМБАРӢ.*** Осоишгоҳи Шоҳамбарӣ – 26 км дуртар аз самти ғарбии шаҳри Душанбе ҷойгир буда, аз тарафи ҷануб қаторкӯҳҳои Ҳисор дар баландии 1150 м аз сатҳи баҳр воқеъ гардидааnd. Осоишгоҳ барои табобати касалиҳои меъдаву рӯда, узвҳои ҳозима ва гурда ва як қатор бемориҳои даруниро табобат мекунад. Омили асоси табиати табобати ин азот, хлориди сулфат, натрий, обҳои гарми зеризаминӣ (ҳарораташ 14-37$^0$С мебо-шад, истифода бурда мешавад, ки ба-рои истеъмол, инчунин, барои махси зериобӣ нигаронида шудааст.

Осоишгоҳ тамоми сол фаъолият намуда, дар мавсими зимистон 260 ҷой ва дар мавсими тобистона 418 ҷой барои шаҳрвандон пешниҳод меку-над. Фасли зимистон дар ин минтақа кӯтоҳмуддат ва гарм, тобистон бошад гарм ва хушк мебошад. Рӯзҳои гарми тобистона аз 270-300 рӯзро дар бар ме-гирад. Барои хизматрасонии беморон толори намоиши кино мавҷуд аст.

Осоишгоҳи «Шоҳамбарӣ» ба мис-ли истироҳатгоҳҳои «Гармчашма», «Авҷ», «Ямчун»-и Бадахшон ва «Хоҷа Обигарм»-и ноҳияи Варзоб на дар оғӯши кӯҳҳои баланд, балки миёни силсилатеппаҳо ҷой дорад. Биноҳои осоишгоҳ миёни ин теппаҳо ҷойгир мебошанд.

Мутахассисон баъди санҷишҳои зиёд ба хулосае омаданд, ки оби «Шоҳамбарӣ» дар таркиби худ 17 на-муди моддаҳои кимиёвӣ дорад ва ба дарди бисёр бемориҳо давост. Оби ин осоишгоҳ ба дардҳои ҳозима, меъ-даю рӯда, талхаю ҷигар, касалиҳои буғумдард ва боз чандин бемориҳои дигар шифо мебахшад. Маҷмааи асо-сии табобатӣ аз 600 ҳуҷраи табобатӣ ва зист иборат буда, хеле хуб таъмиру тармим шудааст.

***ЧИЛУЧОРЧАШМА.*** Осоишгоҳи Чилучорчашма – дар Тоҷикистон ва дар Ӯзбекистони ҳамсоя хеле машҳур аст. Дар ин мазеъ, ки дашту биёбон буд (то сохтани шабакаҳои обёрӣ дар дав-раи шӯравӣ), аз таги теппаи начандон баланд панҷ чашмаи калон фаввора зада, ба 39 чашмаи майда тақсим меша-вад. Оби ҳамаи чашмаҳо якҷоя шуда, ҷӯйбори калони васеъияш 12-13-ме-траро ташкил медиҳад ва дар он моҳии зиёде мавҷуд аст.

Тааҷҷубовар аст, ки моҳиҳо бо ҷараёни об ба поён намераванд, балки дар худи сарчашмаи обҳо дар масофаи 800-900 метр шино мекунанд.

Дар байни аҳолии таҳҷоӣ дар бо-раи пайдоиши чашма ривояте ҳаст. Ҳангоме, ки ҳазрати Алӣ ба ин мавзеъ барои тарғиби дини Ислом омад, да-рёи наздиктарини Ромит хушк шуд. Он вақт ҳазрати Алӣ ба дарё лаънат хонда, онро Кофарниҳон ном кард. То ба ма-кони ҳозираи Чилучорчашма расида, ба Худо муноҷот кард, то об бифири-стад ва ба таги теппа бо дастонаш зад. Аз ҷойи панҷаҳои ҳазрати Алӣ панҷ чашмаи обаш мусаффо баромад.

Чилучорчашма мавзеи зиёрат ба шумор меравад. Оби 17 чашмаи он шифобахш ба шумор меравад. Ҳар як чашма хусусияти табобат ва номи маҳаллии хос дорад: Чашмаи мӯйин-аз рехтани мӯй, аз бини рафтани хун, Чашмаи морон, Хунукзадагон - аз гази-дани мор ва аз шамол задан, Устухон-дард - аз касалиҳои устухон, Табларза - аз табларза, Шифо-шифобахш, Фи-шори хун- аз фишори хун, Сардард- аз дарди сар, Песҳо-аз песшавӣ, Мурод-аз ҳолати бади руҳӣ, Бефарзанд- аз беналсӣ, Гурда – аз бемориҳои гур-да, Дилу ҷигар – аз бемориҳои дил ва ҷигар, Девонаҳо – аз бемориҳои руҳӣ, Чашму гӯш – аз бемориҳои чашму гӯш, Хориш – аз хориш ва ғайраҳо.

Дар қисмати шарқии худуди чашма теппаи на он қадар баланде вуҷуд до-рад, ки дар болои он оромгоҳ ҷойгир аст. Дар он гӯё Камбар Бобо ном авлиёе гӯронида шуда-аст. Тибқи ривоятҳо ӯ сарвари аспхонаи ҳазрати Алӣ домоди пайғамбари Ислом Муҳаммад (с) ба шумор мерафтааст. Дар қарибии ин қабр боз чор қабри авлиёҳои дигар мавҷуд аст, ки номҳояшон маълум нест.Имрӯз дар ҳудуди чашма боғи калони дарахтони мевадор воқеъ аст. Ҳамчунин чанд хона барои зи-ёраткунандагон сохта шуда-аст. Зиёраткунандагон асосан аз моҳи апрел то моҳи сентябр сершуморанд ба назр мерасанд.

Барои рушди минбаъдаи мавзеъи Чилучорчашма бунёди ҳарҷи бештари иншооти замо-навии ба талаботи сайру саёҳат ва зиёрат мувофиқ зарур аст.

***ХУЛОСА.*** Умуман дар замо-ни муосир соҳаи туризм дар як қатор мамлакатҳо ҳамчун яке аз соҳаҳои сердаромад ба шумор меравад. Дар навбати дигар бошад, ин соҳае ме-бошад, ки миқдори зиёди ҷойҳои холии кориро ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон рушду равнақи ин соҳа метавонад миқдори зиёди ҷойҳои холии кориро ба вуҷуд оварда, теъдоди бештари бекоронро ба кори доими таъмин намояд. Ҳамзамон дар сурати амалӣ гаштани нақшаҳои пешбинишуда ҳаҷми даромаднокии аз ин соҳа метавонад даҳҳо маротиба боло равад, ки ин албатта боиси баланд гаштани ҳолати некӯаҳволии халқ ме-гардад.

Боиси тазаккур аст, ки дар баъзе мамлакатҳо аҳолии маҳалҳои калон ва ҳатто шаҳрҳо пурра дар соҳаҳои хизма-трасонии туристӣ машғул мебошанд, ки ин сабаби таъмин будан бо ҷои кори доимӣ ва баландшавии ҳаҷми даромад-нокии аҳолии кишвар мегардад.

Ин гуна ҳолат дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон низ имконпа-зир аст. Аз ин рӯ мебояд аз манбаҳои захираҳои туристию рекреатсионӣ ва-сеъ ва оқилона истифода бурда, соҳаи туризмро тараққӣ диҳем. Рушди соҳаи туризм дар ҷумҳурӣ боиси баланд-шавии сатҳи иқтисодиёти кишвар гардида, сабаби баландшавии сатҳи некӯаҳволии халқ мегардад.

***М. САФАРОВ, муаллими кало-ни кафедраи фанҳои ҷамъиятии коллеҷи омӯзгории шаҳри Кӯлоб***

# ИҚТИСОДИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН РУШД КАРДА, ҶОЙҲОИ НАВИ КОРӢ ТАЪСИС ДОДА ШУДАНД



Санаи 18-уми июли соли ҷорӣ дар маҷлисгоҳи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон бо иштироки раиси вилоят ва дигар масъулин нишасти матбуотӣ доир гардид.

Нахуст раиси вилояти Хатлон мухтарам Давлатшоҳ Гулмаҳмадзода муҳтасар дар бораи фаъолияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва дигар сохторҳои вилоятӣ маълумот дод. Дар идома хабарнигорон аз Давлатшоҳ Гулмаҳмадзода вобаста ба самтҳои гуногуни ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии вилояти Хатлон саволҳо доданд. Тавре дар ҷараёни нишасти матбуотӣ зикр гардид, сохторҳои вилояти Хатлон бахри дар амал татбиқ гардидани дастуру супоришҳои Роҳбари давлат, Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тамоми захираю имкониятҳо пурсамар истифода бурда, ба як қатор дастовардҳо ноил гардиданд. Ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилии минтақавии вилояти Хатлон дар нимсолаи аввали соли 2018 ба 6 млрд. 641,5 миллион сомонӣ расида, афзоиш нисбати ҳамин давраи аввали соли 2017-ум 7,6 фоизро ташкил дод. Иҷроиши нақшаи андоз дар давраи ҳисоботӣ 100,6 фоиз таъмин гардида, ба буҷа 492,6 миллион сомонӣ маблағ ворид гардид, ки нисбати нақша 3,1 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки имрӯз таваҷҷуҳи роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба он равона гардидааст, ин таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ба шуғл фаро гирифта шудани шаҳрвандон мебошад. Тавре раиси вилоят таъкид дошт, дар ин давра 12963 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шудааст. Дар шаш моҳи соли ҷорӣ аз ҳисоби баргузории 170 ярмаркаи ҷойҳои холии корӣ 1677 нафар шаҳрвандон бо ҷойи кор таъмин гардида, дар умум 4418нафар шаҳрвандон ба шуғл фаро гирифта шудаанд. Дар ин давра музди миёнаи меҳнат ба 869, 1 сомонӣ баробар шуда, нисбати ҳамин давраи соли гузашта 4,4 фоиз афзоиш ёфтааст.

# ВОХӮРИИ СУДМАНД БО РАИСОНИ ТАШКИЛОТҲОИ ИБТИДОӢ ВА ВАКИЛОНИ ҲИЗБӢ



Бояд қайд кард, ки рушду пешрафти ҳар як ҷомеа аз сатҳи маърифати сиёсию ҳуқуқӣ ва андешаву маънавиёти созандаи он вобаста аст.

Аз ин рӯ, ҷиҳати ҳифзи мафкураву маънавиёти солими ҷомеа аз хатарҳои ҷаҳони муосир вохӯрии Раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ бо вакилони Маҷлиси вакилони халқи ноҳия, раисони ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ, аъзои намояндагии ТҶҶ «Созандагони Ватан» ва фаъолони ҳизб дар ноҳияи Панҷ баргузор гардид.

Ҷамъомадро раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Панҷ Файзиев Каримҷон кушода мақсаду мароми ҷамъомадро ба ҳозирин шарҳ дода,суханро бо камоли эҳтиром ба раиси Кумитаи иҷроияи вилоят Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ дод.

Раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ доир ба вазифаҳои ҳар як шаҳрванд дар самти татбиқи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ намуда, аз ҷумла қайд кард, ки Паёми имсолаи Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон чун Паёмҳои қаблӣ пурра ба манфиати халқ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум нигаронида шудааст. Дар Паёмашон Пешвои миллат соли 2018-ро Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон намуданд, ки ин иқдоми хирадмандонаи Пешвои миллат дар ҷаҳони пуртазоди муосир ва барҳурди тамаддунҳо василаи муҳиме бараи эҳё ва муаррифӣ намудани ҳунарҳои мардумии халқи тоҷик мебошад.

Дар баробари ин дар доираи Соли тақвияти робита бо маҳал Раҳмонзода Абдулло оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ истифодаи сарфаю сариштакоронаи неруи барқ, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ, аз байн бурдани таассуби динӣ ва хурофотпарастӣ, фаъол гардонидани аҳолӣ дар самти пешгирӣ аз фарҳанги бегона, истифодаи дуруст аз технологияи муосир ва ғайра суханронӣ карданд.

Бояд тазаккур дод, ки мухтавои бештари ин вохӯрӣ иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти мамалакат, Раиси муаззами ҳизб мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз сиёсати бобарорашон ҷиҳати таъмини рушди устувори ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии кишвар бармеоянд, равона карда шуда буд.

Бо боварӣ метавон гуфт, ки ин вохӯрии судманди раиси Кумитаи иҷроияи вилоят дар баланд бардоштани ҳисси ватандорӣ, ифтихор аз фарҳанги миллӣ, эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ва гузаштаи пурифтихори хеш таъсири амиқ расонида, умед ва андешаи ҳар як иштирокчиро ба фардои дурахшони кишвар ва сиёсати созандаи Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бештар намуд.

*н.ПАНҶ*

# ВАЗЪИ ҶИНОЯТКОРӢ ДАР ХАТЛОН ТАМОЮЛИ ПАСТШАВӢ ДОРАД



Таҳлили вазъи ҷинояткорӣ дар вилояти Хатлон нишон додааст, ки дар нимсолаи аввали соли 2018 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта сатҳи содиршавии ҷиноятҳо паст гардида, дар маҷмӯъ 3482 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки нисбатан 74 ҷиноят кам мебошад. Дар ин бора санаи 19.07.2018 прокурори вилояти Хатлон Насрулло Маҳмудзода дар ҷараёни нишасти хабарӣ иттилоъ дод.

Ҳамзамон, мавсуф вобаста ба аҳамияти интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар мақомоти прокуратура изҳори андеша намуда, қайд намуд, ки дар давоми нимсолаи аввали соли равон 24 нафар кормандон тахассуси касбии худро дар прокуратураи вилояти Хатлон баланд бардоштанд. Инчунин, 4 нафар корманд аз аттестатсия гузаронида шуда, вобаста ба баланд бардоштани сатҳи касбии кормандон 4 машғулияти семинарӣ гузаронида шудааст. Зимнан, дар ин давра 5 нафар корманд ҳавасманд гардонида шуда, 7 нафар бо фармони прокурори вилоят барои вайрон кардани интизоми хизматӣ ба ҷавобгарии интизомӣ кашида шудаанд.



# ҶАҲОН ДАР ЯК ҶУМЛА

▶ Дар Миср автобуси мусофирбар ҳангоми ҳаракат дар шоҳроҳи Матрух–Александрия ба автомобили боркаш бархӯрд, ки бар асари фоҷиа 8 нафар ба ҳалокат расида, 27 тани дигар ҷароҳат бардоштанд;

▶ Дар вилояти Қундузи Ҷумҳурии исломии Афғонистон нерӯҳои ҳарбӣ-ҳавоии ИМА як манзили истиқоматиро ҳадаф қарор доданд, ки дар натиҷа 14 сокини осоишта ба ҳалокат расида, 1 каси дигар ҷароҳат бардошт;

▶ Дар Яман тайи як соли охир бар асари бемории вабо 2311 нафар ҷон бохта, наздики 1 миллион нафари дигар мубталои ин бемории марговаранд;

▶ Дар соҳилҳои Ҷумҳурии Конго киштии мусофирбар ғарқ шуд, ки дар натиҷа 16 нафар ба ҳалокат расида, 4 нафари дигар бенишон гардиданд;

▶ Дар минтақаи Қизилярии Ҷумҳурии Доғистони Федератсия Россия силоҳбадастон аз дохили автомобил ба кормандони бозрасии давлатии автомобилӣ аз силоҳ оташ кушода, 2 нафарро кушта як нафарро захмӣ намуда, аз ҷойи ҳодиса фирор намуданд;

▶ Сӯхтори бешазор дар Шветсия идома дошта, аз 40 сарчашмаи сухтор 20 000 га бешазор дар иҳотаи оташ мондааст;

▶ Дар музофоти Колумбияи кишвари Канада низ аз сабаби раъду барқ оташсӯзии ҷангал ба вуқӯъ омада, рӯзҳои охир аллакай 200 га дарахтони бешазорро нобуд сохтааст;

▶ Ҳафтаи гузашта дар пайи амалиёти нерӯҳои ҳарбӣ-ҳавоии Ҷумҳурии исломии Афғонистон дар вилояти Қандаҳор 62 силоҳбадаст нобуд гардида, дар ин миён 9 корманди мақомот низ кушта шудааст;

▶ Дар штати Кирали Ҳиндустон шабонарӯзи охир боришоти шадид обхезиро ба миён овард, ки боиси ҳалокати ёздаҳ нафар ва хароб шудани роҳҳои автомобилгарду хатҳои интиқоли барқ гардид;

▶ Шумораи ҳалокшудагон бар асари борону обхезӣ дар Япония ба 220 нафар расида, 21 нафари дигар бенишон шудаанд ва зарари молии расида бошад 400 млн долларро ташкил медиҳад;

▶ Дар яке аз оромгоҳҳои Мексика гурӯҳи силоҳбадастон ҷониби иштирокчиёни маросими дафн оташ кушоданд, ки дар натиҷа 6 нафар ба ҳалокат расида, 17 нафари дигар ҷароҳат бардоштанд;

▶ Дар Кореяи ҷанубӣ тайёраи ҳарбӣ бо сабабҳои номаълум ба фалокат дучор шуд, ки дар натиҷаи 5 нафар ба ҳалокат расида, 1 нафари дигар ҷароҳат бардошт;

▶ Дар Италия сохторҳои қудратӣ дар ҷараёни амалиёти махсус беш аз 30 нафар узви як гурӯҳи қочоқчиёни маводи мухаддирро дастгир карданд;

# ТАЪЗИЯ

***Раёсати Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Норак ва дигар аъзоёи ҷонибдорони ҳизб ба раиси ташкилоти ибтидоии “Шифокорон” Тағойбек Қаҳҳорзода нисбати даргузашти ПАДАРАШОН изҳори ҳамдардӣ намуда, ба наздиконашон сабри ҷамил хоҳонанд.***


ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

Муассис: Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон

Масъули чоп: Орзу ҲАМИДИЁН

Ҳайати мушовара: Давлатшоҳ ГУЛМАҲМАДЗОДА, Маҳфират ҲИДИРЗОДА, Абдулло РАҲМОНЗОДА

Ҳайати таҳририя: Зебо БОЗОРОВА, Аловуддин АМИРЗОДА, Хусейн САИДОВ

Ҳарроҳ: Хусрав МАЗОРИЕВ

Дар нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ нашр мешаванд, ки ба мавқеъ ва назари ҳайати эҷодӣ ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон метавонанд мувофиқат накунанд ва зимнан идораи нашрия масъулиятро ба дӯш нагирад.

Аксу дархост ва номаҳо ба муаллифонашон баргардонда намешаванд. Ба дурустии далелу арқоме, ки дар номаҳои расида ва эълону рекламаҳо истифода шудаанд, муаллифонашон масъулият доранд.

Нашрия таҳти рақами 627 дар Вазорати Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шудааст.





Суроға: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ-47, тел: 8 (3222) 2-82-92, 2-70-70

Чопхонаи ҶДММ «Шоҳин-С», *теъдод: 11400 нусха*